**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# Т А Қ Р И З

**Муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Шарифбек Мурод дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Муаллифи диссертатсия Шарифзода Шарифбек Мурод таҳқиқоти илми худро дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом додааст, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ буда, аз рӯйи он ба Шурои мазкур мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсия, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд (барои солҳои 2016–2020)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзии таҳқиқоти диссертатсия.** Мавзуи мавриди таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ш.М., қарор гирифта, бешубҳа мубрам буда, он ҷавобгӯйи шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ муқовимат ба коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Ин зуҳурот решаҳои хеле қадимӣ дошта, мутаассифона, имрӯз мисли экстремизм ва терроризм ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст.

Аз омӯзиши диссертатсияи Шарифбек Шарифзода бармеояд, ки ҳанӯз 21 июли соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» қабул гардида, дар он самтҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ муайян карда шуданд.

Дар ин замина, ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин амалҳо чораҳои боэътимод фароҳам оварда шуданд.

Ҳамзамон, дар ин давра низоми қонунгузории санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ зина ба зина васеъ гардида, тақвият ёфтанд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” ва Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёфта, дар шакли мукаммал таҳия карда шуаанд. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои муборизабаранда мусоидат намуд. Ғайр аз ин, чораҳои маҷмӯии мазкур хусусияти ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангии зиддикоррупсиониро доро буда, дар самти пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия нақши муайян гузоштаанд.

Инчунин, муаллиф дар таҳқиқоти рисолаи илмӣ қайд намудааст, ки бо назардошти коррупсия аз чумлаи зуҳуроти хатарноки глобалӣ маҳсуб ёфтан, соли 2003 Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, ба шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд шомил гардид ва дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия иқдомоти зиёдеро вобаста ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт амалӣ намудааст.

Ҳамин тавр, заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия муҳайё гардида, мақомоти махсусгардонидашуда ва субъектҳои бевосита муқовиматбаранда ва иштирокунанда муайян карда шудааст.

Муаллиф менигорад, ки вазифаҳои мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия муҳимму мураккаб буда, онҳо ба ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлату ҷамъият, ташкилоту идораҳо, таъмини қонуният, ошкор ва пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор равона гардиданд ва бинобар ин, дар доираи фаъолият аз кормандони он донишу малакаи баланди касбӣ, дасту дили тоза ва масъулияти поквиҷдонона тақозо намудааст.

Ба андешаи муаллиф бидуни доштани чунин сифатҳои неки инсониву касбӣ наметавон дар мубориза бо ин кирдори ҷиноятӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ муваффақ шуда, манфиатҳои давлатро ҳифз намуд. Дар ин баробар муаллиф бо итминон иброз доштааст, ки Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои муқовимати самаранок ба ин зуҳурот муваффақ шуда истодааст.

Моҳияти ин ва дигар масъалаҳоро диссертант Шарифзода Ш.М., дар ҷараёни таҳқиқоти илмии худ, мавриди таҳлил ва таҳқиқи воқеӣ қарор дода, ҷиҳати пешгирии афзалтари омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, хулоса ва тавсияҳои судмандро манзур намудааст.

Гуфтаҳои дар боло матраҳшуда аз мубрам будани мавзуи интихобнамудаи муаллифи рисола дарак медиҳад.

**Дараҷаи навгонии диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**, дар он ифода меёбанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин диссертатсияи мазкур аввалин маротиба дар адабиёти ҳуқуқӣ дар заминаи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ бо фарогирии таҳлили маҷмуии ҷинояти коррупсионӣ мутобиқ ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳия карда шуда, аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида дорои аҳамият ва арзиши хос мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда, омӯзиши амалияи судӣ, таҷрибаи иҷрои санадҳои судӣ, маводҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ, тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории зидди коррупсия ва муайян намудани чораҳои

аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот, омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат бо он, таҳқиқи мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили асосҳои ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия, таҳқиқи сабаб ва шароитҳое, ки ба содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд, таҳлили чораҳои умумииҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва таҳлили чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсиониро дар бар гирифтааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба баррасӣ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мутобиқи қонунгузории ҷории Тоҷикистон ба таҳқиқи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва таърихи он аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, давраи таҳқиқот солҳои 2013 – 2022 фаро гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ – назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба роҳҳои гуногуни пешгирии коррупсия ва татбиқи чораҳои муҷозотӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шуравӣ ва пасошӯравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, психология, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи гражданӣ, инчунин захираҳои глобалии маъхазҳои иттилоотии интернет ва тафсирҳои васоити ахбори омма мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия**. Асосҳои методологии таҳқиқот дар истифодаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ, диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ифода ёфтааст. Аз ҷумла, дар рафти таҳлили мавзуи мазкур маълумотҳои оморӣ бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Бо истифода аз усули мантиқӣ ва расмӣ–ҳуқуқӣ маводҳои амалия вобаста ба мавзуи баррасишаванда таҳқиқ шуда, пешниҳодҳо ҷиҳати таҷдид намудани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудаанд. Ҳамин тавр, усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам овардаанд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

Заминаи эмпирикии диссертатсияро маводҳои тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ки дар судҳои Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, омори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Суди Олӣ ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил додаанд. Ҳамчунин, маълумотҳое, ки дар воситаҳои ахбории омма ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба ҷиноятҳои коррупсионӣ нашр гардидаанд, ба даст оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Диссертатсия маълумоти илмиро оид ба низоми кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, инчунин роҳҳо ва воситаҳои криминологии пешгирии чунин ҷиноят, ки қаблан дар адабиёти муосири криминологӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос нашуда буд, дар бар мегирад. Дар диссертатсия омилҳои криминогенӣ, ки ҷинояти коррупсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунанд, низ дарҷ ёфтааст.

Дар диссертатсия таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва кримонологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар асоси қонунгузории байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани тағйиротҳо ба қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардидаанд.

Пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба беҳтар намудани пешгирии умумиҷтимоӣ ва махсуси криминологии ҷиноткории коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидаанд, ки дар назарияи криминологӣ ва мувофиқан, дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ мавқеи худро то имрӯз наёфта буданд. Диссертатсия ба талаботи навоварии муқаррароти илмӣ ҷавобгӯ буда, ба он барои такмил додани заминаи ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд, назару андешаҳои муаллиф ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро дар бар гирифта, хулосаҳои дар он овардашуда натиҷаи таҳлили муқаррароти илмӣ-назариявӣ, таҷрибаи амалияи тафтишотиву судӣ, инчунин омори расмӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ буда, аз нигоҳи мо қобили таваҷҷуҳ ва баррасӣ мебошанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замимаҳо иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима аҳамиятнокии мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои меъёрӣ, асосҳои эмпирикӣ, навгонӣ ва муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, тавсиф ёфта, натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва ғайра пешбинӣ карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо коррупсия» ном дошта, аз се зербоб иборат аст, ки дар онҳо таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаҳои коррупсия ва муқовимат бо он, мафҳуми коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия таълиф гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Сабаб, шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ ва масоили пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ» ном гирифта, низ аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – «Сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ» сабабҳои умумии иҷтимоӣ ва сабабҳои махсуси криминологӣ содир гардидани коррупсия мавриди таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Чораҳои умуми иҷтимоии пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта» ном дошта, дар он таҳлили омилҳои умуми иҷтимоии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар 5 банд ва зербандҳои алоҳида хулосабандӣ карда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Чораҳои махсуси криминологии пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ» таҳлил гардидаанд, ки муаллиф дар он ақидаҳои худро дар бахши хулосарониҳои зербоб ҷамъбаст намуда, бо пешниҳоди таклифҳои мушаххас дар пешрафти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология саҳми назаррас гузоштааст.

Дар маҷмуъ хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия ба он асоснок мебошанд, ки онҳо аз рӯйи мазмун мантиқ дуруст таҳия ва татбиқ гардида, ба илми муосири тоҷик дар самти пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, сазовори баҳои баланд мебошад.

Ҳаҷми умумии диссертатсия бошад, 227 саҳифаро дар бар гирифта, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, моҳиятан мутобиқ бо тахассуси интихобшуда таҳия ва омода шудааст.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Сиёсати ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия», «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо.**

Муаллиф дар раванди таҳияи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳоро ба он асоснок намудааст, ки баҳри такмили қонунгузории самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, тақвияти усулҳои муосири пешбурди кор дар ин соҳа равона гардидаанд. Дар ин замина аҳамияти илмии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳлил фарогири аз худ намудани шуури баланди зиддикоррупсионӣ буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қонунгузориро дар бар гирифта, барои таҳқиқи минбаъдаи соҳаи мазкур замина мегузорад.

Гузашта аз ин, аҳамияти амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо натиҷагирӣ аз хулосарониҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба такмили минбаъдаи қонунгузорӣ бахшида шуда, дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд, омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ҷиҳати пешбурди фаъолият, ба хусус дар татбиқи якхелаи қонунгузорӣ, таъмини дурусти он барои ба ҷавобгари кашидани ашхоси ба кирдорҳои коррупсионӣ даст дошта, мусоидат менамояд.

Инчунин, маводи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур метавонад, дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Сиёсати ҳуқуқии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия», «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки дар диссертатсия усулҳои таҳқиқи муосири илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанию хориҷӣ, омӯзиши адабиётҳои илмӣ ва рисолаҳо дар мавзуи

пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст истифода гардидааст.

Чунончи, муаллиф дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари истифодаи заминаҳои васеи илмию амалӣ, маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводҳои таҷрибаи судиро пайгирӣ намуда, натиҷаҳои таҳқиқотро ба он эътимоднок кардааст, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсия, кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, стратегияҳои муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва ғайра ба даст омадаанд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Шарифзода Ш.М., дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои илмии ояндаи он пешниҳод менамоем:

1. Яке аз масъалаҳои ба пуррагӣ дарҷ нагардидае, ки дар диссертатсия дида мешавад, ин дурӣ аз амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти анҷомдодаи Шарифзода Ш.М., низ қисман дорои чунин норасоӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба муҳаққиқ пешниҳод карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи монография аз натиҷаи ин таҳқиқот боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалиро ҷиҳати асоснок намудани нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардидааш истифода намояд.

2. Дар дигар маврид муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки тариқи қонунгузории амалкунанда мафҳуми коррупсия манфиатҳои мустақимро дар шакли маблағҳои пулӣ ё ашёи қиматбаҳо, амвол ё хизматҳои дорои хусусияти молиявӣ дар бар гирифтааст. Аммо дар ин таъриф хизматрасониҳои хусусияти ғайримолумулкӣ дошта маҳдуд гардидааст. Бо ин назардошт, мехостем муаллиф ақидаҳои худро оид ба моҳияти хизматрасониҳои хусусияти ғайримолумулкӣ дошта ва аҳаммияти он нисбат ба мафҳуму мазмуни коррупсия кушоду равшан иброз доранд?.

3. Муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз раванди таҳқиқоти анҷомдодашуда то ҳадди имкон кам намудани имзогузориро дар ҳуҷҷатҳо зарур шумоthidaаст. Аммо муаллиф қайд накардааст, ки оид ба истифодаи чораҳои махсуси ташкилии пешгирии коррупсия дар номгӯйи кадом ҳуҷҷатҳо ва дар кадом маврид имзогузорӣ кам карда шавад, ки ба мақсад мувофиқ бошад. Бинобар ин, аз муаллиф пурсида мешавад, ки назари худро дар ин самт ошкорро баён намояд.

Дар умум мулоизаҳои мазкур хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро кам намегардонанд ва баҳои мусбати онро тағйир намедиҳад. Дар ин баробар хулосаҳои мавриди таҳқиқ пешниҳоднамудаи Шарифзода Ш.М., мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллиф бо мақсади мустаҳкам намудани таҳқиқоти диссертасионии худ вобаста ба нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар интишор намудааст, ки ҳамаи онҳо ба мавзуи корҳои илмӣ бахшида шудаанд. Ғайр аз ин, муҳтавои асосии хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мақолаҳои илмии навишташударо дар конференсияҳои гуногуни илмӣ - амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза намудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти илмии диссертатсионии анҷомёфтаи Шарифзода Ш.М., ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Таҳлил ва омӯзиши муҳтавои мавзуъ нишон медиҳад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, зеро мазмун ва мантиқи он дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Гузашта аз ин, муаллиф саҳми шахсии худро дар нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, инчунин мақолаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шуда, ҳамчун навгонии илмии диссертатсионӣ маҳсуб меёбанд, нишон додааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Рисолаи тақризшаванда аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам, бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати Шарифзода Шарифбек Мурод нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои

навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Автореферат ва корҳои илмии чопшуда мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар нақши муҳим хоҳанд дошт. Пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, Шарифзода Шарифбек Мурод, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи Донишкадаи олии сарҳадии
Кумитаи давлатии амнияти миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусейнова М.С.

Имзои Ҳусейнова Мижгона Собировнаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи олии сарҳадии
Кумитаи давлатии амнияти миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бурхонов М.

«____»______________ 2023 сол.

**Суроға:** Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Турди, 42. Телефон: (+992 37) 2273374; (+992) 93 553 55 47, E-mail: munajon_83@mail.ru профессори кафедраи ҳуқуқ